ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 05.01.2023, №23

Барои сазовор донистани Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020902 – Адабиёти форс) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 20-уми октябри соли 2022, суратмаҷлиси № 16 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло 13-уми январи 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 факултети улуми исломии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифаро бо ихтисоси фақеҳ (теолог) хатм карда, солҳои 2015-2017 дар шуъбаи магистратура ва солҳои 2018-2021 дар шуъбаи докторантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессор, академики АМИТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ.

Муқарризони расмӣ: **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**, доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусрав» ва **Мансурова Рухшона Умархӯҷаевна,** номзади илми филология, ассистенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология, доктори илми

филология, профессор Солеҳов Ш. А., доктори илми филология, профессори кафедраи мазкур Элбоев В.Ҷ., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Шоев А. ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода А.И. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Сухроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Доир ба мавзуи диссертатсия 3 маколаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Абдусаломзода, А.М. Баъзе вижагиҳои манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ / А.М. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – № 3. – С. 255-259.

[2-М] Абдусаломзода, А.М. Андешаҳои Нимо дар атрофи шеъри нави форсӣ / А.М. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – № 6 – С. 225-228.

[3-М] Абдусаломзода, А.М. Баъзе хусусиятҳои манзумаҳои «Санги ман-алмос»-и А.Ҳаким ва «Садои пойи об»-и С. Сипеҳрӣ ӯ / А.М. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 8 – С. 215-220.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин такризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Такризи номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Додихудоев Р.М. мусбат буда, дар он зикр нашудааст.

2. Такризи доктори илми филология, профессор, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Раҳмонов Ш. низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд: 1) Дар автореферати диссертатсияи мазкур ҷо-ҷо иштибоҳоти техникию имлоӣ ба чашм мерасанд; 2) Дар овардани номҳои бархе аз муҳаққикону адибон номӣ осори истифодашуда дугунагиву иштибоҳ дида мешаванд. Масалан: Сиёвуши Касроӣ, Сиёваши Касроӣ, Сиёвуша Касрои, Сиявуша Касрои; А. Лангрудӣ, Ш. Лангрудӣ; «Садойи пойи об», «Садои пои об», «Садои нойи об»; «Птица Аминь», «Птица аминь», «Птица Омин»; «Мой камень-алмаз», «Моя камень алмаз». Щамчунин вожаи «Шарҷшиносӣ», ки дар ихтисос омадааст, дар ду ҷо «Востоковедение» ва дар ҷойи дигар «Иностранная филология» тарҷума шудааст.

3. Дар такризи номзади илми филология, сардории шуъбаи котиботи Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ. Амриддин дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст: 1) Дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзан такрори фикру андешаҳо ба назар мерасанд ва хуб мешуд бо як ишора иктифо кард; 2) Тарҷумаи русии автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ сурат гирифтааст, вале дар рафти тарҷума номи бархе аз китобҳову асарҳо аз форсӣ ба русӣ духурагӣ дида мешавад. Масалан: маснавиҳои зерин: «Муҳраи сурх» дар тарҷумаи русии автореферат ба шакли «Красный бусы» ва «Красный бисер» ва «Садойи пойи об» дар тарҷумаи русӣ ба шакли «Звуки у подножая воды» ва «Шуршаные воды» омадааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

– Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло тавъам бо иҷро кардани таҳқиқи илмӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким пардохта, мухтассоти шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароиро **баррасӣ карда,** кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст**;

– таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси «Маҷмуаи комил»-и Нимо Юшиҷ, «Ораши камонгир» ва «Мухраи сурх»-и Сиёвуши Касрой, «Ҳашт китоб»-и Суҳроб Сипеҳрӣ, «Тоҷикистон исми ман»-и Муъмин Қаноат ва «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким сурат гирифта, эҷодиёти адибони мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудааст.**
– ба ҷараёни зуҳур ва инкишофи ҷунбиши таҷаддудхоҳӣ дар адабиёти муосири Эрон руҷуъ шуда, фаъолияти пешгомони шеъри нав ва шеваи навпардозонаи онҳо, мушаххасоти рӯзгор, ҷаҳонбинӣ, осори манзуму мансур ва мазмуну мундариҷаи эҷодиёти ӯ **баррасӣ ва муайян гардидаанд;**
– дидгоҳҳои Нимо дар атрофи сабабу заминаҳои таҳаввули шеваи кори халлоқона баён ёфта, манзумаҳои навпардозонаи шоир «Афсона» ва «Мурғи омин» **таҳлил гардида**, шабоҳату тафовутҳои манзумаҳои Нимо бо маснавиҳои қадим бо мисолҳо **исбот карда шудаанд**;
– таъсирпазирии шоирони муосири Нимо аз манзумаҳои навпардозона **муқаррар карда шудааст**;
– рушду такомули маснавӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри муосири Эрон ва маснавиҳои Муъмин Қаноат ва Аскар Ҳаким **коркард ва таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар омӯхтани масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, дар шинохти ҷараёни зуҳуру инкишофи «шеъри нав», ҷанбаҳои таҳаввули суннати манзумасарой дар адабиёти муосири форсӣ ва таъсирпазирии шоирони тоҷик аз раванди умумии «шеъри нав» ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандону коршиносони маъруфи ватанию бурунмарзӣ, аз ҷумла Р. Бароҳанӣ, М.Ш. Кадканӣ, К. Обидӣ, А. Зарринкуб, С. Муҳоҷиронӣ, В.Б. Кляшторина, Х. Отахонова, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, Р. Амонов, Ш. Раҳмонов, М. Ҳирова ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

Дар диссертатсия тарзу усул ва шеваву равишҳои таҳқиқии муқоисавӣ таърихӣ, равонӣ, муносиботи интиқодӣ ба маводи мавриди ниёз истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни

факултетҳои филологию шарқшиносии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нақду баррасии маводи илмию адабӣ роҷеъ ба шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани мақом ва нақши Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким бармало маълум мегардад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05 январи соли 2023 дар бораи сазовор донистани Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020902 – Адабиёти форс) қарор қабул карда шуд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ 9 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 8 нафар иштирок намуд. Аз 9 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 8 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология — Сироҷиддини Эмомалӣ
05.01.2023